**_ТАҚРИЗ_**

**_ба автореферати диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2024._**

Тасвири мавзеъҳои гуногун бинобар сатҳи ҷаҳонбинӣ ва андешаронии мусаннифи асар бо дарназардошти таҳлилу таҳқиқи авзоъ ва низоми қудратии дилхоҳ минтақа ва давлат, илова бар он, пажӯҳиши фарҳангҳо ва вижагиҳои ҳувиятии қавмҳову халқҳои маскун дар манотиқи саёҳатӣ ҷиҳати сафарноманависӣ мусоидат карда, аз донишҳои мукаммали нависандаи асар дарак медиҳад. Носири Хусрав бинобар баррасиҳои назаррас ва нигоҳи интиқодии хеш ба расму ойину анъанаҳои гуногун, ки дар байни мардум мавҷуд будааст, сабки соданависиро ихтиёр карда, зимни нигориши аҳвол ҳеҷ гуна ғаразҳои хос ба башарро нишон надодааст.

Аз автореферати Самиев Ҷумахон Саймуродович бармеояд, ки муҳаққиқи ҷавон аз ахбори сарчашмаҳои адабӣ-бадеӣ, таърихӣ-мустанадӣ хелк хуб огоҳ аст. Тавъам бо масоили фавқуззикр, ӯ аз осори илмӣ-пажӯҳишии муҳаққиқони шарқию ғарбӣ, ватанӣ ва хориҷӣ низ иттилооти хуб дорад. Дар ҷараёни баррасии мабоҳиси диссертатсия, ки аз автореферати он бармеояд, ба таъини ҳунари нависандагии Носири Хусрав низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст.

Муаллиф перомуни масъалаҳои асосии матраҳшаванда ҷусторҳои илмии бисёрпаҳлу анҷом дода, бо далелҳои равшан муҳимтарин мухтассоти ғоявию бадеии «Сафарнома»-и Носири Хусравро муайян кардааст. Ҳама мабоҳиси аслию фаръии дар диссертатсия баррасишуда хусусияти мубрам дошта, дар адабиётшиносии тоҷик дорои аҳаммият мебошанд ва интихоби мавзуи мазкур барои таҳқиқи монографӣ асоси илмӣ дорад.

Муаллиф кори хешро дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, китобхонаӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ ва сохтори осори адабӣ ба сомон расонидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, китобнома ва замима иборат буда, дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ мақсад, вазифаҳо, объекту передмет, асосҳои назарӣ, методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ муайян гардидааст.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Хусусиятҳои жанрӣ ва таҳриру таҳриф дар матни «Сафарнома»» аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар фаслҳои

марбути ин боб масъалаҳои жанри асари мавриди назар, бадеият ва публитсистика, нусхаҳои дастнавис, нашрҳои литографӣЮ таҳриру таҳриф дар матни «Сафарнома» ва хусусиятҳои умдаи асар ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Мулоҳизаҳои унвонҷӯ дар зимни баррасии масъалаҳо шоёни таҳсин буда, натиҷагириҳо мустанаданд. Дар фасли охир нусхаҳои оммавии асар мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия, ки «Сохтор, бандубаст ва вижагиҳои муҳтавоии «Сафарнома»-и Носири Хусрав»-ро фаро гирифтааст, аз ду фасл таркиб ёфта, фасли аввали он «Мавзуъ ва мундариҷа» унвон дошта, фасли дуюм бошад, «Воқеияти бадеӣ дар асар» унвонгузорӣ шудааст.

Унвонҷӯ ҳадаф ва мақсади муаллифи асарро ҷустуҷӯ намуда, ба чунин натиҷа расидааст, ки ҳадафи аслии адиб аз сафар омӯзиши илму дониш буда, ва ба василаи ин сафар онро вусъат бахшидааст. Дар натиҷа, дар ниҳоди ӯ таҳаввулоти наве пайдо шуд. Ин гуногунандешӣ боис бар он гардидааст, ки бо афкор ва андешаи мардум шинос шуда, андешаҳои наверо матраҳ намояд.

Диссертант дар ҷараёни таҳқиқ ба мушаххассоти муҳимми «Сафарнома» аҳаммият дода, ба чунин натиҷа расидааст, ки дар мушоҳидаҳои худ муаллифи асар ҳамеша ба урфу одат, маданият, қонунҳо ва ғайра такя намуда, онро бо урфу одатҳои мардуми худ муқоиса менамояд.

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои бадеии «Сафарнома»» номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат аст. Аз баррасиҳои унвонҷӯ бармеояд, ки насри бадеии Носири Хусрав аз назари хусусиятҳои бадеӣ дорои вижагиҳои махсуси ҳунарӣ буда, дар боби зикргардида муҳимтарин вижагиҳои бадеии асари мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Муҳаққиқ дар заминаи кулли мабоҳиси аслию фаръӣ ва дар поёни ҳамаи бобу фаслҳо хулосабардорӣ намудааст, ки падидаи мазкур боиси афзунии арзиши илмии таҳқиқ гардидааст.

Дар умум, муҳаққиқ Самиев Ҷумахон тавонистааст, ки дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» кори муҳимму арзишманди пажӯҳишӣ анҷом бидиҳад.

Дар баробари муваффақиятҳои зиёд дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд:

1. Дар фасли аввали боби сеюм, ки «Нақши муаллиф дар асар» унвон дорад, мавзуъ ва масъалаи матраҳшаванда норавшан монда, шояд дар диссертатсия масъалаи мазкур ҳалли хешро ёфта бошад.

2. Дар автореферат зимни баёни дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва таъини мухтассоти жанри сафарнома ба таълифоти муҳаққиқони соҳаи рӯзноманигорӣ ҳам таваҷҷуҳ зоҳир мегардид, беҳтар буд.

3. Дар фасли дуюми боби сеюм, ки дар автореферат тавзеҳ ёфтааст, дар бахши истифодаи санъатҳои бадеӣ барои тақвияти андеша мисолҳо хеле кам оварда шудаанд.

Камбудиҳои фавқуззикр арзиши илмии автореферати диссертатсияро кам намекунанд, зеро муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият ба иҷро расонидааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва накди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**


номзади илмҳои филологӣ,
директори Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» Аминзода А.Ҳ.


«17» декабри соли 2024.


Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17
Тел.: (+992) 907-62-63-46.
E-mail: raboni_81@mail.ru


Имзои Аминзода Абдулфаттоҳ Ҳакимро тасдиқ мекунам:
нозири кадри МД «Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» Холиқова М.И.


Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17
Тел.: (+992) 233-58-84.
E-mail: vfarhang98@gmail.com


«17» декабри соли 2024.